**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**аз «25» 10 соли 2024 № 385/ди ш. Душанбе**

*Дар бораи додани дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 17 банди 9 ва сархатҳои 4 ва 10 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 4, 5, 6 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба 5 (панҷ) нафар довталабони дар замимаи фармоиши мазкур зикргардида, дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии номзади илм дода шавад.
2. Мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Сарватманди Қ.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории 5 (панҷ) адад дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии номзади илм чораҳои зарурӣ андешад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Муродзода А.А.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаҳои аттестатсионии довталабон чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Маъруфӣ Р.Н. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 октябри соли 2024, №11

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «25» 10 соли 2024, №385/дм

Рӯйхати
довталабоне, ки ба дараҷаи илмии номзади илм сазовор дониста шудаанд
ва ба онҳо дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии
номзади илм дода мешавад

| № | Насаб, ном ва номи падари довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илм | Шурои диссертатсионӣ, ки барои сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илм ба Комиссия дархостнома пешниҳод намудааст; дараҷаи илмӣ |
|---|---|---|
| 1. | Абдусамадов Комилҷон Абдулмаробович | 6D.КОА-060 назди МД “Маркази илмии ҷумҳуриявии ҷарроҳии дилу рагҳо”; номзади илмҳои тиббӣ |
| 2. | Мирзоева Маҳпора Хурсандмуродовна | 6D.КОА-008 назди МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино”; номзади илмҳои тиббӣ |
| 3. | Музаффаров Шамшод Сабоҳатиллоевич | 6D.КОА-008 назди МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино”; номзади илмҳои тиббӣ |
| 4. | Шарифзода Шаҳриёр Бахтиёр | 6D.КОА-031 назди МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино”; номзади илмҳои фарматсевтӣ |
| 5. | Ҳисайнов Далер Эмомович | 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; номзади илмҳои биологӣ |